«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон,
д.и.ҳ., профессор ________ Шарифзода М.М.
«30» ________ 2022

# ХУЛОСАИ
## кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

Диссертатсияи унвонҷӯ Ҳасанова Махфират Иномовна дар мавзуи «Иттилоотонӣ дар такмили низоми идоракунии иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи факултети бизнес ва идоракунии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон омода гардидааст. Дар марҳилаи омода намудани диссертатсия ва, дар айни ҳол, Ҳасанова Махфират Иномовна дар МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров” ба ҳайси муаллими кафедраи умумидонишгоҳии информатика, ҳамзамон, унвонҷӯи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Ҳасанова М.И. соли 2009 Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуровро аз рӯйи ихтисоси муҳандис-иқтисодчӣ бо тахассуси “Технологияҳо ва системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт” хатм намудааст.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз 09.10.2019, № 34 (таърих ва фалсафаи илм), 12.12.2019, № 3 (забони англисӣ) аз тарафи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров ва 15.03.2022, № 31 (иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) аз тарафи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дода шудааст.

Мавзуи диссертатсияи номзадӣ дар ҷаласаи шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, аз таърихи 21.04.2020, протоколи №8 тасдиқ шудааст.

Роҳбари илмӣ Ризоқулов Тӯрақул Рабимқулович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба корҳои илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон мебошад.

Дар натиҷаи муҳокимаи рисолаи номзадӣ дар мавзуи «Иттилоотонӣ дар такмили низоми идоракунии иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» чунин хулоса қабул карда шуд:

**1. Баҳодиҳии мубрамияти мавзӯи таҳқиқот.** Диссертатсияи Ҳасанова Махфират Иномовна актуалӣ буда, кори мустақилона ва анҷомёфтаи таҳқиқотӣ оид ба баланд бардоштани фаъолияти иқтисодиёти иттилоотӣ барои рушди иқтисодиёти минтақа арзёбӣ гаштааст.

Дар ҷомеаи ҷаҳони ҳоло дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ технологияи иттилоот ворид гардида, ба ҷараёни муносибатҳои истеҳсоли таъсири ҳалкунанда дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ чун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ дар истифодабарии технологияи иттилоотӣ ва иттилоотонии иқтисодиёт қадамҳои устувор гузошта истодааст. Дар стратегияи рушди кишвари азизамон самтҳои гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ дарҷ гардидааст, ки ин бе истифода бурдани технологияи иттилоотӣ имконнопазир аст. Бинобар ин, таҳқиқи масъалаҳои ҳалталаби ҷараёни васеъ паҳн намудани иттилоотонӣ дар ҷомеа, алалхусус, дар низоми идоракунии мақомотҳои давлатии ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ басо муҳим аст. Аз ҷониби мақомотҳои мазкур дар модди аввал хизматрасониҳои давлатӣ, танзими вазифаҳои зарурӣ, ки дар рушди ҷомеа нақши аввалиндараҷа дорад ва дар он истифодабарии низомҳои иттилоотӣ самараи баланд хоҳад дод, ки интихоби мавзуи таҳқиқи диссертатсиониро муайян намудааст.

**2. Иштироки шахсии муаллиф дар ҷараёни ба даст овардани натиҷаҳои дар рисола баёншуда.** Ҳамаи марҳилаҳои амалисозии нақшаи таҳқиқоти диссертатсионӣ, асосноккунии мубрамияти он, гузоштани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ бо иштироки бевоситаи муаллиф баргузор шудаанд. Дурустӣ ва асоснок будани натиҷаҳои таҳқиқот тавассути асосноксозии методикаи таҳқиқ, пешниҳоди додаҳои таҷрибавӣ, ки дурустии фарзияҳои ироашуда ва, инчунин, тасвиби натиҷаҳои бадастомадаро тасдиқ менамоянд, таъмин карда мешавад.

**3. Дурустии натиҷаҳои илмӣ ва хулосаҳои асосӣ.** Асосҳои назариявӣ, ташхиси илмӣ, иқтисодӣ, усулҳои баҳодиҳии ташхисӣ ва таҳлили таҳқиқотҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ мебошад. Инчунин, барои ноил гардидан ба ҳадафҳои гузошташуда усулҳои умумии илмӣ ва махсуси таҳқиқотӣ, усулҳои таҳлили системавии иқтисодӣ, иқтисодӣ-математикӣ ва омории коркарди иттилоот истифода шудааст.

**4. Навгонии илмии таҳқиқот** дар такмили асосҳои назариявии раванди иттилоотонии ҷомеаи муосир, арзёбии аҳамияти он дар иқтисодиёти минтақа ва коркарди тавсияҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии иттилоотонӣ дар қаламрави вилояти Суғд зоҳир мегардад.

Натиҷаҳои илмие, ки моҳияти навгониро ташкил медиҳанд, аз қисматҳои таркибии зерин иборатанд:

- инкишоф додани консепсияи илмии "иктисодиёти иттилоотӣ", ки дар самти баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат мусоидат менамояд, дар асоси он ба мафҳуми таҳқиқот тасҳеҳ ворид шуда, тибқи он: "Иттилоотонии иқтисодиёт вазъияте мебошад, ки бештар дар ҷараёни истеҳсолот, истеъмолот, тақсимот ва мубодила истифодаи технологияҳои иттилоотӣ мушоҳида карда мешавад ва дар таълими самаранокии муносибатҳои хоҷагидорӣ технологияи иттилоотӣ афзалияти аввалиндараҷа дорад";

- низомбандӣ намудани методикаҳои гуногуни арзёбии иттилоотонӣ ва нишондиҳандаҳои рушди технологияҳои иттилоотӣ таснифот карда шудааст. Алалхусус, тибқи меъёрҳои, зерин: - сатҳи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, таъминнокии корхонаҳо бо технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, истифодаи шабакаҳои глобалӣ, барномаҳои махсуси компютерӣ, сатҳи омодагии мутахассисони соҳаи технологияҳои иттилоотий-коммуникатсионӣ;

- асоснок намудани таҷрибаи хориҷии иттилоотонӣ оид ба ҷудо кардани унсурҳое, ки дар шароити иқтисодии вилояти Суғд татбиқпазиранд. Аз ҷумла, худтанзимкунӣ, ташкил ва дастгирии бизнес-сохторҳо дар соҳаи иттилоотонӣ (таҷрибаи ИМА, давлатҳои Аврупои Ғарбӣ), танзими маъмурӣ, яъне таҳти назорати давлат ташаккул додани инфрасохторҳои иқтисодиёти рақамӣ (таҷрибаи Хитой, Кореяи Ҷанубӣ, Русия ва ғ.) ва танзими муштарак, муттаҳид сохтани (синтези) худтанзимкунӣ ва танзими идоравӣ - маъмурӣ;

- арзёбии сатҳи иттилоотонии иқтисодиёти вилояти Суғд, ки он дар асоси натиҷаҳои ба даст омада дар қаринаи талаботи муосири ҷаҳонӣ ғайриқаноатбахш ба ҳисоб меравад. Дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд се сатҳи нисбии иттилоотонӣ ҷудо карда шудааст: якум, сатҳи пасти рушд (Исфара, Истаравшан, Ашт, Зафаробод, Мастчоҳ, Ҷаббор Расулов, Кӯҳистони Мастчоҳ), дувум, сатҳи миёна (Конибодом, Гулистон, Деваштич, Спитамен, Панҷакент), севум, сатҳи нисбатан баланд (Хуҷанд, Истиқлол, Бӯстон, Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Шаҳристон);

- асоснок гардидааст, ки рушди технологияҳои иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ мухталиф аст. Аз рӯи меъёри дастрасӣ ва истифодаи шабакаҳои локалӣ ва глобалӣ дар байни соҳаҳои хоҷагии халқ мавқеи пешбарро чунин соҳаҳо, аз қабили маориф (ғайр аз таҳсилоти миёна), илм, бонкдорӣ ва қисман хоҷагии манзилию рифоҳӣ ишғол мекунанд. Мавҷудияти муаммоҳо дар ин самт асоснок гардидаанд. Аз ҷумла, норасоии кадрҳои баландихтисос, набудани

соҳаҳои саноатӣ бо технологизатсияи баланди истеҳсолот, набудани барномаҳои махсус, ки расман маъқул шуморида шудаанд, сатҳи пасти саводнокии компютерии қисми зиёди аҳолии минтақа (бекорон, комбизоатон, ашхоси маълумоти олӣ надошта);

- исбот гардидааст, ки сатҳи баланди иттилоотонӣ дар минтақаҳои алоҳида ба туфайли мавҷудияти зерсохторҳои зерин ба даст меояд: 1) истеҳсоли технологияҳои компютерӣ; 2) муассисаҳое, ки бо ҳисоббарории мураккаб машғуланд; 3) коркард ва фурӯши маҳсулоти барномавӣ; 4) хизматрасонии иттилоотӣ–компютерӣ ва коммуникатсионӣ. Ошкор карда шудааст, ки дар минтақаи мавриди таҳқиқ объектҳою категорияҳои якуму дувум вуҷуд надоранд, объектҳои категорияи севум қисман мавҷуданд ва, асосан, объектҳои категорияи чорум паҳн шудаанд. Коэффитсиенти иттилоотонии иқтисодиёти минтақаро вобаста аз сатҳи рушди иқтисодиёти минтақа ҳисоб кардан лозим аст, яъне мувофиқи назарияҳои муосир он ба динамикаи маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ мутаносиби роста мебошад;

- тавсияҳои илмию амалӣ оид ба ташаккули инфрасохтори иттилоотии мутараққӣ дар иқтисодиёти минтақа таҳия шудаанд. Аз ҷумла, ташаккули корхонаҳои иттилоотӣ дар пояи кооператсияи бахшҳои хусусӣ ва давлатӣ, ҳифзи низоми иттилоотии минтақавӣ, аз ҷумла, дар ҳар як шаҳру ноҳия ташкил намудани низоми минтақавии идоракунӣ, ки ҳамаи субъектҳои алоҳидаи хоҷагидориро, ки ба тавсеаи доира ва баланд бардоштани дастрасии хизматрасониҳои электронӣ ва коҳиш додани хароҷоти транзаксионии идоракунӣ мусоидат менамоянд, муттаҳид месозад.

**5. Мақсад ва вазифаи таҳқиқот.** инкишоф додани ҷанбаҳои назариявии иқтисодиёти иттилоотии минтақа, ворид сохтани тасҳеҳ ба мафҳумҳои бунёдии иттилоотонӣ, баррасии усулҳои арзёбии сатҳи рушди иқтисодиёти иттилоотӣ дар минтақа, коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба таҷдиди низоми хоҷагидории минтақа бо роҳи иттилоотонии он мебошад.

Дастрас намудани мақсади мазкур зарурати ҳалли масъалаҳои зеринро ба миён гузоштааст:

- таҳқиқи моҳият, мундариҷа, заминаҳои раванди иттилоотонӣ ва нақши он дар рушди иқтисодиёти минтақа;

- омӯзиши муносибатҳои методологӣ ба арзёбии барорнокии раванди иттилоотонии иқтисодиёти минтақа;

- низомбандии таҷрибаи хориҷии иттилоотонии низоми идоракунии минтақа баҳри муайян намудани унсурҳое, ки ҷорӣ намудани онҳо дар минтақаҳои Тоҷикистон қобили қабул аст;

- таҳлили вазъ, тамоюл ва равандҳои иттилоотонӣ дар низоми идоракунии иқтисодиёти вилояти Суғд;

- муайян намудани хусусият ва муаммоҳои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ҳангоми амалигардонии вазифаҳои идоракунӣ дар минтақаҳо;

- таҳлили дараҷаи таъсири технологияҳои иттилоотӣ ба раванди идоракунӣ ва омилҳои ба он таъсиррасон;

- асоснок намудани тавсияҳо оид ба такмили низоми идоракунӣ дар асоси иттилоотонии низомҳои иқтисодии минтақавӣ.

**6. Асоси назариявӣ таҳқиқотро** назарияҳои муосири иттилоотонии иқтисодиёт, таҳқиқоти илмии олимони маъруф ва машҳури хориҷӣ, иқтисоддонҳои муосири ватанӣ, асарҳои таҳқиқотии муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи иттилоотонии ҷомеа ва муносибатҳои иқтисодӣ дар шароити рушди технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар минтақаҳои кишвар ташкил мекунанд.

7. **Асоси методологии таҳқиқотро** кор ба истифодаи маҷмӯи методҳои илмии таҳқиқ асос мёбад, ки ба гузаронидани таҳлили ҳамаҷонибаи моҳият ва қисмҳои таркибии иқтисодиёт имконият медиҳад. Ғайр аз ин, дар рисола методҳои оморӣ, математикию иқтисодӣ, таҳлили муқоисавӣ, методҳои диалектикӣ, абстрактӣ-мантиқӣ, ҳисобӣ-конструктивӣ ва мушоҳидаҳои шахсии муаллиф ба раванди иттилоотонии иқтисодиёти минтақа истифода шудаанд.

**Мутобиқатии диссертатсия ба ихтисос ва самти илмӣ:** Натиҷаҳои таҳқиқот ба Шиносномаи номгӯи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мутобиқат мекунад.

7. **Инъикоси маводҳои диссертатсия дар интишороти чопшудаи муаллиф:** Муқарраротҳи асосӣ ва хулосаҳои илмии рисолаи диссертатсионӣ дар конфронсҳои илмӣ-амалии байналхалқӣ, ҷумҳуриявӣ, байнидонишгоҳӣ ва донишгоҳӣ дар солҳои 2017-2022 пешниҳод, муҳокима ва маърӯза карда шудаанд. Аз ҷумла, дар Форуми ҷумҳуриявии иқтисодии “Таъмини рушди устувор ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ” (Хуҷанд, 2020), конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи “Муаммоҳои рушди иқтисоди миллӣ дар шароити ҷаҳони пасокоронавирусӣ” (Душанбе, 2021) ва дар конференсияи илмии апрелии ҳарсолаи омӯзгорону донишҷӯёни муассисаи давлатии таълимии «Донишоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ва Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (солҳои 2018-2023).

Аз рӯйи натиҷаҳои тадқиқот 7 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои аз тақризшавандаи тарафаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда чоп карда шудааст.

**Феҳрасти интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар нашрияҳо ва маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

1. Ҳасанова М.И. Моҳият ва заминаҳои раванди иттилоотонӣ дар рушди иқтисодиёти минтақаҳо [Матн] / Ҳасанова М.И. // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. - Хуҷанд, 2020. - №4(55). - С. 110-114.

2. Ҳасанова М.И. Рушди иттилоотикунонӣ дар низоми идоракунии иқтисодиёти давлатҳои хориҷа [Матн] / Ҳасанова М.И. // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. - Хуҷанд, 2021. - №4(59). - С. 123-127.

3. Ҳасанова М.И. Вазъ ва тамоюли иттилоотонӣ дар низоми идоракунии иқтисодиёти вилояти Суғд [Матн] / Ҳасанова М.И. // "Паёми молия ва иқтисод"-и Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. - №4/1(29). - С. 211-216.

4. Ҳасанова М.И. Таҷрибаи иттилоотикунонии иқтисодиёти давлатҳои хориҷа барои рушди иттилоотикунонии иқтисодиёти минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҳасанова М.И., Ризоқулов Т.Р. // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. - Душанбе, 2022. - №1(266) - С. 94-98.

**дар нашрияҳои дигар (бо забони аслӣ):**

1. Ҳасанова М.И. Захираҳои иттилоотӣ – асоси иттилоотонии фаъолияти иқтисодӣ [Матн] / Ҳасанова М.И. // Таъмини рушди устувор ва рақобатпазирии иқтисодиёти Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ. - Хуҷанд, 2020. - С. 449 - 453.

2. Ҳасанова М.И. Ташаккул ва рушди иқтисодиёти рақамӣ дар шароити муосир [Матн] / Ҳасанова М.И. // Муаммоҳои рушди иқтисоди миллӣ дар шароити ҷаҳони пасокоронавирусӣ. - Душанбе, 2021. – С. 219 - 221.

3. Ҳасанова М.И. Влияние информационной технологии на развитие экономики Таджикистана [Матн] / Ҳасанова М.И., Абдурахимов Д.А. // Масъалаҳои мубрами илмҳои табиӣ, дақиқ, риёзӣ ва техникӣ дар рушди саноати кишвар. - Бӯстон, 2022. - С. 107-111.

Диссертатсияи Ҳасанова Махфират Иномовна дар мавзуи «Иттилоотонӣ дар такмили низоми идоракунии иқтисодиёти минтақа (дар

мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» таҳқиқоти мукаммал ва ба анҷомрасида буда, он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба шӯрои диссертатсионӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ барои ҳимоя пешниҳод мегардад.

Хулоса дар маҷлиси васеи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи ДДҲБСТ қабул карда шудааст.

Дар овоздиҳӣ оид ба масъалаи мазкур 14 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ чунин муайян гардид: "тарафдор" – 14 нафар, "зид" – нест, "бетараф" – нест.

Протоколи №10 аз 30 апрели соли 2022 тасдиқ гардидааст.

Раиси маҷлис,
мудири кафедраи
иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес
ва сиёсати Тоҷикистон,
н. и. и., дотсент ______________ Қаюмов Ф.Ғ.

Котиби маҷлис,
коргузори кафедраи
иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес
ва сиёсати Тоҷикистон ______________ Ғафурова Ф.В.

Имзоҳои Қаюмов Ф. Ғ. ва Ғафурова Ф. В.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес
ва сиёсати Тоҷикистон ______________ Мирпоччоев И.Ҳ.

Суроға:
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд,
микроноҳияи 17, хонаи 1, ДДҲБСТ
тел: +992 (3422) 2 38 11
www.tsulbp.tj